# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-026 оид ба ҳимояи диссертатсияҳо ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисосҳои 6D020100 – фалсафа ва 6D020600 - диншиносӣ, ки дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таъсис ёфтааст, доир ба диссертатсияи Каримов Кароматулло Давламадович дар мавзӯи «Фалсафаи забон (дар мисоли забони тоҷикӣ аз асрҳои миёна то имрӯз)» аз рӯи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа.

**Комиссияи экспертии шӯрои диссертатсионӣ дар ҳайати зерин тасдиқ шудааст:**

**- доктори илмҳои фалсафа, профессор Музаффарӣ М. (09.00.13 – антропологияи фалсафӣ; фалсафаи фарҳанг), раиси комиссия;**

**- доктори илмҳои фалсафа, профессор Қодиров К. Б. (09.00.03 – таърихи фалсафа), аъзо;**

**- доктори илмҳои фалсафа, профессор Раҳимов С. (09.00.03 – таърихи фалсафа), аъзо.**

Рисолаи илмии Каримов Кароматулло Давламадович дар мавзӯи «Фалсафаи забон (дар мисоли забони тоҷикӣ аз асрҳои миёна то имрӯз)» яке аз масъалаҳои мубрами таърихи фалсафа ба ҳисоб рафта, аз замонҳои қадим то ба имрӯз таваҷҷуҳи мутафаккирону муҳаққиқони соҳаи таърихи фалсафа ва фалсафаи илмро ба худ ҷалб кардааст. Дар доираи таърихи рушди тафаккури инсон дарки забон дар рӯёрӯи таҳдиди ҷомеаи инсонгурез ва зарурати таҷдиди назар намудани мушкилоти забон, ки дар тӯли асрҳо таҳқиқ мегардад, аҳамияти хосса дорад. Чунин муносибат ба моҳияти ин падида омӯзишии амиқтари таҳқиқоти қаблиро дар соҳаи диалектикаи забон ва тафаккур тақозо мекунад, то ҷойгоҳи забон ҳамчун падида дар тасвири илмии ҳозиразамони ҷаҳони мавҷуда дақиқ карда шавад. Фалсафаи забон тӯли асрҳо ташаккул ёфта, таҳаввулоти муайянро бо равишҳои мушаххаси фалсафӣ аз сар гузаронидааст. Бо вуҷуди ин, фалсафаи забон аз давраи қадим то замони мо ҳанӯз такмил наёфтааст ва аз ин рӯ, фаҳмиши амиқи консепсияҳои фалсафӣ-забоншиносӣ дар заминаи таърихӣ-фалсафии он бе таҳлили ҳамаҷонибаи андешаҳои мутафаккирони даврони пешин ва имрӯз ғайриимкон аст. Таҳқиқоти фалсафаи забон, ки то асри XIV-XVI аз ҷониби мутафаккирони классики тоҷик анҷом гирифтааст, як ҷузъи таркибии рисолаҳои фалсафиашон буда, вобаста ба масъалаҳои муштарак бо фалсафа,

фалсафа, монанди мартабаи забон дар байни илмҳои дигар, мақоми он дар сохтори тафаккур ва идрок, дар маърифати ашё ва ғайра сурат мегирад.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии рисола**. Тадқиқоти рисолаи номзадӣ ба омӯзиши таърихи фалсафаи забон мутааллиқ аст, ки таҳаввулоти самтҳои онро нишон дода, метавонад ба рушди минбаъдаи ин соҳаи фалсафа, таҳияи консепсияҳо ва фарзияҳои нав мусоидат намояд. Аҳамияти амалии таҳқиқот бо қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатӣ”, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон 5 октябри соли 2009 таҳти № 55 ба имзо расидааст, тасдиқ шуда, ҳадафи он тарғиби забони модарӣ ҳамчун “пояи бунёди ҳувияти шаҳрвандӣ”, такмили ваҳдати фарҳангӣ ва ташкили муколамаи самарабахши фарҳангӣ тасдиқ мегардад. Маводҳои ин таҳқиқотро барои таҳияи китобҳои дарсӣ, дарсҳои таълимӣ ва лексияҳо на танҳо дар фалсафа, балки дар назарияи забон низ истифода бурдан мумкин аст. Илова бар ин, натиҷаҳои онро дар корҳои илмию таҳқиқотӣ барои омӯзиши амиқи таърихи фалсафаи забон, масъалаҳои робитаи байни забон ва тафаккур, инчунин самтҳои проблемаҳои илмҳои ҳамсон (забоншиносӣ, фарҳангшиносӣ, таърих) истифода бурдан мумкин аст. Ба ғайр аз ин, дар доираи таҳқиқоти илмии фалсафӣ-забоншиносии муосири тоҷик то ба ҳол асари илмие вуҷуд надорад, ки ба фалсафаи забон бахшида шуда бошад ва аз ин ҷост, ки дар таҳқиқоти олимони файласуфон ва забоншиносони муосири тоҷик, ки ҳангоми баррасии сарфу наҳви ин забон ҳатман ё бевосита ба масъалаҳои фалсафӣ бархӯрд мекунанд ва ё забони асарҳои мутафаккирони тоҷикро аз диди фалсафа таҳлил мекунанд, аҳамияти омӯзиши фалсафаи забон бештар мегардад. Дар таърихи тоҷикон забони тоҷикӣ ҳамчун як абзори муҳим барои эҷод намудани ҳувият ва ҳамбастагии миллӣ будааст ва қавмҳои гуногуни сокин дар сарзамини Тоҷикистон аз тариқи гуфтор ба забони тоҷикӣ ба ваҳдат расидаанд, зеро забони гузашта, имрӯза ваояндаи онҳоро ба ҳам пайванд мекунад ва абзори интиқоли фарҳанги ин қавмҳо аст. Таҳқиқи ин масъала дар доираи аҳамияти он барои боло бардоштани ин ҳувият муфид хоҳад буд.

**Нововарии таҳқиқоти илми**ро мушаххасан дар бандҳои зерин ҷамъбаст кардан мумкин аст:

- хусусиятҳои назариявии фалсафаи забон дар таносуби забон ва тафаккур аз диди мактабҳо ва намояндагони гуногуни онҳо ва имконияти мутобиқати онҳо ба тафаккур ва забони тоҷикӣ баррасӣ мешавад;

- таъсири ақоиди мутафаккирони гузаштаи Ғарб ва исломӣ дар пайдоиш ва таҳаввули фалсафаи забон ва густариши забони фалсафӣ муайян гардидааст;

- аз нигоҳи назариявӣ-методологӣ баррасии масъалаҳои фалсафии таҳқиқот тавассути забони фалсафии тоҷикӣ аввалин маротиба ба иҷро расидааст;

- бори нахуст анъанаҳои таҳлили илмию адабӣ ва ҷусторҳои забони фалсафии тоҷикӣ дар доираи як рисолаи мукаммал ба иҷро расидааст;

- дурнамо ва таҳаввулоти забони илмӣ ва фалсафии тоҷикӣ дар шароити ҷаҳонишавии фарҳангҳо ва таъсири мутақобилаи онҳо асоснок карда шудааст.

Бо истифода аз усулҳои байнифаннии таҳқиқот ва бо такя ба маълумоти аз соҳаҳои мухталифи илмҳои гуманитарӣ - таърих, фалсафа, психология, забоншиносӣ ҷамъшуда муаллиф рисолаашро дар бораи тамоюлҳои фалсафаи забон (дар мисоли забони тоҷикӣ) аз қадим то замони нав пешниҳод кардааст. Сохтори рисола бо ҳадафҳои он мутаносиб буда, он бо баёни пайдарпайӣ ва мантиқии андешаҳо ва нукоти асосие, ки барои дифоъ пешниҳод мешаванд, фарқ мекунад. Диссертант бо таҳқиқи мавзуи матраҳшуда сарчашмаҳо ва маводи зиёди илмӣ-таҳқиқотии ватанию хориҷиро ба кор бурда, дар асоснок ва ҳаллу фасли масъалаҳои асосии рисола дар доираи ҳадаф ва вазифаҳои он комёб гардидааст.Ташхис нишон дод, ки рисолаи Каримов Кароматулло Давламадович дар мавзуи «Фалсафаи забон (дар мисоли забони тоҷикӣ аз асрҳои миёна то имрӯз)» хусусияти тозаэҷод дошта, ба тамоми талаботи таҳқиқоти илмӣ ҷавобгӯ мебошад.

**Дар натиҷа ҳайати комиссия ба чунин хулоса омад:**

1. Рисолаи таҳқиқшуда дар мавзӯи «Фалсафаи забон (дар мисоли забони тоҷикӣ аз асрҳои миёна то имрӯз)» ба рамзи ихтисоси таърихи фалсафа мувофиқ буда, яке аз масъалаҳои меҳварии он ба ҳисоб меравад;

2. Мазмуни автореферат ба мазмуни рисола мувофиқат мекунад;

3. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсия, хулоса ва тавсияҳои Каримов Кароматулло Давламадович дар 3 мақолаи илмӣ, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, ба чоп расонида шудаанд;

4. Дар рисола натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ ва тавсияҳои амалии он нишон дода шудааст;

5. Пешниҳод карда мешавад, ки оид ба диссертатсияи Каримов Кароматулло Давламадович ба сифати муассисаи тақриздиҳанда Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ таъйин карда шавад;

6. Пешниҳод карда мешавад, ки ба ҳайси муқарризони расмӣ ба диссертатсияи Каримов Кароматулло Давламадович мутахассисони зерин таъйин карда шаванд:

- Сайфуллоев Н.М. – профессори кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон, доктори илмҳои фалсафа, профессор;

- Сулаймонов Б.С.- номзади илмҳои фалсафа, муаллими калони кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода;

7. Барои ворид намудани автореферати диссертатсия ва эълони ҳимоя дар сомонаи ДМТ ва КОА-и назди Президенти ҶумҳурииТоҷикистон иҷозат дода шавад.

8. Барои чоп намудани автореферати диссертатсия иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
Доктори илмҳои фалсафа,
профессор /____________/ Музаффарӣ М.
**Аъзоёни комиссия:**
Доктори илмҳои фалсафа,
профессор /____________/ Қодиров К.Б
доктори илмҳои фалсафа,
профессор /____________/Раҳимов С.Х.